ДАВЛАТШОЕВ О. Ҳ., БОБОЕВ Ф.Ҷ.,
МАҲМАДРИЗОЁН С.Ҳ., АМОНОВА Д.А.

# МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ



Душанбе - 2021

УДК: 336.01(075.8)
ББК: 65.9(2)26
М – 50

**Ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад.**

Васоити таълимии фанни менеҷменти молиявӣ дар кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мураттаб шудааст. Васоити таълимӣ метавонад ҳамчун дастури зарурӣ на танҳо барои донишҷӯён, балки барои алокамандони соҳаи молия ҷиҳати омӯзиши масоили асосии идоракунии молияи корхонаҳо истифода шавад.

Мураттибон:

**Давлатшоев Одилҷон Ҳазратшоевич** – н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Бобоев Фузайл Ҷумабоевич** - н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Махмадризоён Суҳроб Ҳабибулло** – ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Амонова Дилором Абдувахидовна** - ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Муқарризон: д.и.и., профессор Ҳикматов У.С.,
д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р.

Васоити таълимӣ аз фанни менеҷменти молиявӣ барои донишҷӯёни тахассуси иқтисодии донишгоҳҳои олӣ пешбинӣ шудааст.

Шӯрои илмию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30.03.2021, суратмаҷлиси №07 ба чоп тавсия намудааст.

ISBN 978-99985-58-39-7

## МУНДАРИҶА


**Сарсухан** ---------- 5
**Мавзӯи 1. Мазмун ва моҳияти менеҷменти молиявӣ.** ---------- 7
1.1.Мазмун ва моҳияти молия. ---------- 7
1.2. Моҳияти менеҷмент ва менеҷменти молиявӣ.---------- 10
1.3.Мақсад, масъалаҳо ва вазифаҳои менеҷменти молиявӣ.---------- 14
1.4.Принсипҳо ва нақши менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳо.---------- 15
1.5. Молик – соҳибкор – менеҷери молиявӣ. ---------- 21
1.6.Хусусиятҳои менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои Тоҷикистон. ---------- 24
**Мавзӯи 2. Истилоҳот ва нишондиҳандаҳои менеҷменти молиявӣ.** ---------- 29
2.1.Арзиши изофа ва брутто натиҷаи истифодаи сармоягузорӣ.---------- 29
2.2.Нетто натиҷаи истифодаи сармоягузорӣ ва фоиданокии иқтисодии дороиҳо. ---------- 30
**Мавзӯи 3. Самараи левериҷи (фишанги) молиявӣ.**---------- 32
3.1.Левереҷи молиявӣ ва моҳияти он дар идоракунии фаъолияти молиявии корхона. ---------- 32
3.2. Коэффитсиенти левериҷи молиявӣ, формулаи ҳисоб.---------- 37
**Мавзӯи 4. Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ асоси иттилоотии менеҷменти молиявӣ.**---------- 42
4.1.Ҳисоботи молиявӣ дар системаи менеҷменти молиявӣ. ---------- 42
4.2.Нишондиҳандаи асосии баҳисобгирӣ ва ҳисобот дар менеҷменти молиявӣ. ---------- 45
4.3.Коэффитсиентҳои асосии молиявии ҳисобот. ---------- 46
**Мавзӯи 5. Идоракунии ҷараёнҳои пулии корхона.**---------- 48
5.1.Моҳият ва таснифоти ҷараёнҳои пулӣ дар корхона.---------- 48
5.2.Идоракунии ҷараёнҳои пулии корхона.---------- 55
**Мавзӯи 6. Идораи захираҳои молиявӣ ва воситаҳои гардони корхона.** ---------- 66
6.1.Мақсад ва моҳияти идораи захираҳои молиявӣ ва сармоя.---------- 66
6.2.Ташаккули воситаҳои гардони корхона. ---------- 71
6.3. Нишондиҳандаҳои воситаҳои гардони корхона.---------- 82
**Мавзӯи 7. Идоракунии фоидаи корхона.** ---------- 94
7.1.Мафҳум, моҳият ва вазифаҳои фоида.---------- 94
7.2. Усулҳои идоракунии фоида.---------- 99
7.3. Принсипҳои тақсимоти фоида.---------- 103
**Мавзӯи 8. Идоракунии қарзҳои дебитории корхона.** ---------- 110
8.1. Моҳият ва намудҳои қарзи дебиторӣ. Идоракунии қарзи дебитории корхона. ---------- 110
8.2. Сиёсати корхона дар соҳаи қарздиҳии тиҷоратӣ ва ба таъхирандозии пардохтҳо. ---------- 115
8.3. Таҳлили қарзи дебитории корхона.---------- 121
**Мавзӯи 9. Идоракунии таваккали молиявӣ.**---------- 128
9.1.Моҳияти таваккали (хавфи) молиявӣ.---------- 128
9.2.Назарияи умумии идоракунии таваккали молиявӣ.---------- 130
**Мавзӯи 10. Асосҳои математикии менеҷменти молиявӣ.**---------- 132
10.1.Мазмуни сармояи қарзӣ. Асосҳои математикаи молиявӣ. ---------- 132

10.2. Арзиши вақтии пул. Меъёри одии фоизи қарзӣ. Ҳисоби арзиши афзоишӣ бо меъёри оддӣ.---------- 135
10.3.Меъёри мураккаби фоизи қарзӣ. Ҳисоби арзиши афзоишӣ бо меъёри мураккаб.---------- 140
10.4. Дисконткунонӣ. Ҳисоби арзиши аввала.---------- 153
**Мавзӯи 11. Аннуитетҳо (пардохтҳои рентавӣ).**---------- 156
11.1. Пардохти қарзҳои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат.---------- 156
11.2. Аннуитет. Арзиши ояндаи аннуитет. Пардохти қарз бо пардохтҳои баробари фаврӣ. ---------- 157
**Мавзӯи 12. Ҳисоби даромаднокии сармоягузорӣ дар менеҷменти молиявӣ.** ---------- 162
12.1.Моҳияти даромаднокии сармоягузорӣ. Даромаднокӣ дар марҳила ва дар ҳисоби сол. ---------- 162
12.2.Ҳисоби таваррум ҳангоми ҳалли масъалаҳои сармоягузорӣ.----- 166
**Мавзӯи 13. Идоракунии молиявӣ ҳангоми таҳдиди муфлисшавӣ.**---------- 171
13.1.Моҳияти муфлисшавӣ ва омилҳои он.---------- 171
13.2.Ҳимояи корхона аз муфлисшавӣ ва усулҳои пешгӯикунии он.---------- 172
**Мавзӯи 14. Идоранамоии саҳмияҳо, муайяннамоии арзиши қурбӣ ва даромаднокии онҳо.** ---------- 174
14.1.Тавсифоти умумии саҳмия. Меъёри дивиденд.---------- 174
14.2.Муайяннамоии арзиши қурбии саҳмияҳо.---------- 180
14.3.Муайяннамоии даромаднокии саҳмияҳо.---------- 184
**Мавзӯи 15. Идоранамоии вомбаргҳо, муайяннамоии арзиши қурбӣ ва даромаднокии онҳо.**---------- 186
15.1.Тавсифоти умумии вомбаргҳо.---------- 186
15.2.Муайяннамоии арзиши қурбии вомбаргҳо. ---------- 189
15.3.Муайяннамоии даромаднокии вомбаргҳо. ---------- 192
**Мавзӯи 16. Идоранамоии векселҳо ва сетификатҳои бонкӣ.** ---------- 194
16.1.Муомилот бо векселҳо.---------- 194
16.2.Вексели дисконтӣ. Муайяннамоии дисконт ва меъёри дисконт. Даромаднокии вексел. ---------- 195
16.3. Вексели фоизӣ. Муайяннамоии нарх ва даромаднокии вексел.---------- 197
16.4.Муайяннамоии арзиши қурбӣ ва даромаднокии сертификатҳои бонкӣ.---------- 198
**Мавзӯи 17. Банақшагирии молиявии корхона.** ---------- 201
17.1. Моҳият, нақш ва вазифаҳои банақшагирии молиявӣ дар корхона.---------- 201
17.2. Принсипҳо ва усулҳои банақшагирии натиҷаҳои молиявӣ.------ 204
17.3. Моҳият ва вазифаҳои буҷетикунонӣ.---------- 208
17.4. Таснифоти буҷетҳо ва усулҳои коркарди онҳо.---------- 211
**Рӯйхати адабиёти истифодашуда** ---------- 216
**Замимаҳо** ---------- 218

# САРСУХАН

Таълими ҳатмии фанни «Менеҷменти молиявӣ» барои донишҷӯёни тахассуси иқтисодӣ, аз ҷумла ихтисосҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит», «Молия ва қарз», «Менеҷменти молиявӣ» тибқи талаботи стандарти таълими таҳсилоти олӣ муайян карда шудааст.

Менеҷменти молиявӣ ҳамчун илм методология ва техникаи идоракунии молиявиро фаро мегирад, ки дар доираи илми молиявии ҳозиразамон ташаккул ёфтааст.

Дар замони ҳозира яке аз шартҳои асосии фаъолияти мӯътадили ҳар як корхона стратегияи бомаҳорат ва дуруст интихобшудаи фаъолияти тиҷоратӣ мебошад, ки идоракунии молиявӣ дар эҷоди ин стратегия нақши калидӣ дорад.

Аҳамият ва талабот оид ба менеҷменти молиявӣ дар тиҷорати муосир талабот ба мутахассисони баландихтисосро ба вуҷуд меорад, ки имрӯз дар бозори меҳнат нисбатан серхаридоранд. Шахсе, ки дар соҳаи менеҷменти молиявӣ дониш дорад, метавонад на танҳо ба шуғли кафолатнок ва даромади доимии баланд, балки ба рушди босуръати касб низ умед бандад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ идоракунии молиявӣ вазифаи душвор ва афзалиятнокест, ки дар назди ҳайати идоракунии корхона меистад.

**Фанни "Менеҷменти молиявӣ"** барои ташаккули фаҳмиши пурраи мутахассис дар бораи мундариҷаи менеҷменти молиявӣ ҳамчун илми идоракунии молиявӣ, мақсад ва вазифаҳои он, усулҳои махсуси идоракунии молиявӣ омӯхта мешавад, ки дар асоси он, дар соҳаи идоракунии молияи корхона қарорҳои амалӣ қабул карда мешаванд.

Афзоиши нақш ва аҳамияти идоракунии молиявӣ боиси афзоиши якбораи моҳияти молия дар ҳаёти ҷомеа гардид. Менеҷменти молиявӣ - идоракунии молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, таҳлили молиявӣ, банақшагирӣ, инчунин дарёфт ва тақсими сармоя буда, тамоми соҳаҳои асосии молияро фаро мегирад ва ба ҳамаи бахшҳои бозори молиявӣ дахл дорад.

Менеҷменти молиявӣ – ин илми молия мебошад, ки усулҳои истифодаи самараноки сармояи худӣ ва сармояи қарзии ширкат, роҳҳои ба даст овардани фоидаи бештарро бо хавфи камтар ва афзоиши босуръати сармоя меомӯзад.

Менеҷменти молиявӣ ба суоли он ки чӣ гуна шумо метавонед ширкатро ба осонию зудӣ аз як ширкати назарногир, ба як ширкати барои сармоягузор ҷолиб табдил диҳед, ҷавоб медиҳад.

Таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ бо забони давлатӣ барои омодасозии соҳибкасбони сифатноки соҳаи идоракунии молиявӣ мусоидат менамоянд.

Ҳадафи васоити таълимии мазкур шинос намудани донишҷӯён бо асосҳои назариявӣ ва амалии менеҷменти молиявӣ, ба монанди мазмун ва моҳияти менеҷменти молиявӣ, истилоҳот ва нишондиҳандаҳои менеҷменти молиявӣ, самараи левериҷи молиявӣ, ҳисоботи молиявӣ – асоси итттилооти идоракунӣ, идоракунии ҷараёни пулӣ, захираҳои молиявӣ, фоида, қарзи дебитории корхона, идоракунии таваккали молиявӣ, асосҳои математикии менеҷменти молиявӣ, аннуитетҳо, банақшагирии молиявӣ ва дигар масъалаҳои муҳими идоракунии молиявии корхона мебошад.

Васоити таълимие, ки ҳоло пешниҳоди донишҷӯён гардидааст, метавонад ҳамчун дастури зарурӣ на танҳо барои донишҷӯён, балки барои алоқамандони соҳаи молия ҷиҳати омӯзиши масоили асосии идоракунии молияи корхонаҳо истифода шавад.

ISBN:978-99985-58-39-7